**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА–014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон
734067, *ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.***

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқи мушкилоти мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна, хусусан дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк», дар шароити муосири иқтисодӣ вазифаи мубрам ва изтирорӣ ба ҳисоб меравад. Ин, пеш аз ҳама, ба зарурати таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти хусусӣ ва афзоиши рақобатпазирии сектори ҳақиқии иқтисодиёт вобаста аст, ки дастрасии осон ва самарабахшро ба захираҳои молиявӣ талаб менамояд. Дар шароити маҳдудияти захираҳои қарзӣ ва хавфҳои молиявӣ, истифодаи оқилона ва тақсимоти самараноки онҳо тавассути сохторҳои бонкӣ зарур аст. Инчунин, асри XXI ба монанди ноустувории бозорҳои молиявӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ва тағйирёбии талаботи соҳибкорон мушкилоти навро пеш овард, ки мутобиқсозии механизмҳои қарздиҳии бонкиро талаб мекунад.

Таҳқиқоти мазкур ба назарияи бонкдорӣ ва молия саҳми назаррас гузошта, методологияи мукаммалгардонии механизми қарздиҳиро ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна таҳия ва асоснок мекунад. Он омилҳои ба самаранокии пешниҳоди қарз таъсиркунандаро муайян намуда, тавсияҳои мушаххас оид ба соддагардонии раванди арзёбии қобилияти қарздории мизоҷон ва паст кардани хавфҳои бонкиро таҳия месозад. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз имконияти истифодаи он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои кредитиву молиявӣ (хусусан КВД БА ҶТ «Амонатбонк») ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди соҳибкорӣ, такмили сиёсати қарзӣ, инчунин аз ҷониби кормандони илмӣ ва донишҷӯён барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи бонкдорӣ иборат мебошад.

Маводҳои таҳқиқоте, ки дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк» гузаронида шудаанд, метавонанд барои таҳияи маҳсулоти нав ва ҷолиби қарзӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки маблағгузории соҳибкории хурду миёна, таҳияи чораҳо оид ба коҳиш додани фоизҳо ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявии аҳолию соҳибкорон дар минтақаҳо истифода шаванд. Дар маҷмӯъ, ин

таҳқиқот муҳим ва дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд барои ҳалли масъалаҳои гуногуни марбут ба фаъолонидани рушди соҳибкории хурду миёна дар кишвар хизмат намоянд.

Аз ин лиҳоз, муаллиф андешаи худро доир ба раванди мазкур дуруст баён намуда, ақидаи худро дар доираи мукаммалсозии хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ кардааст. Алалхусус, таъсири қарздиҳии бонкиро ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ (саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ) дар асоси истифодаи самараноки захираҳои молиявии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» амиқ таҳлил намудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботҳои соҳавӣ ва усулҳои таҳлили иқтисодию оморӣ ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти амалӣ мебошад. Дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбӣ ва бартариҳои зиёд, баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасад, аз ҷумла:

1. Дар таҳқиқот ҷанбаҳои рақамикунонии раванди пешниҳоди қарз ва истифодаи скоринг-системаҳо дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» метавонист муфассалтар инъикос ёбад, ки ин ба паст кардани арзиши аслии хизматрасониҳо ва вақти баррасии дархостҳо мусоидат мекард.

Эроди қайдшуда характери тавсияви буда, ба сохтори умумии кор, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва аҳамияти баланди илмиву амалии он таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамин тавр, кори илмии Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад ва бар пояи талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷом дода шудааст ва ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор дониста мешавад.

**Тақризнавис:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти
кафедраи назарияи иқтисодӣ ва ташкили соҳибкории
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Амонов С.С.

**Имзои Амонов С.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

*Суроға:*
*734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½.*
*Тел.: +992935779200*
*E-mail: a_sahbon@mail.ru*